**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Ҷанг Лей «Таҳлили сохторӣ ва маънoии истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи илмии Ҷанг Лей ба яке аз масъалаҳои муҳими илми забоншиносӣ, яъне ба омӯзиши муқоисавии сохтор ва маънои истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар асоси методҳои таҳқиқи муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили ҷузъии воҳидҳои луғавӣ, таҳлили сохторӣ-маъноӣ, композитсия, конверсия ва ихтисора мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаст.

Таҳқиқу баррасии масъалаи мазкур барои ҳалли масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ аҳамияти калони илмӣ дошта, аз рӯзмарра будани мавзуи кори илмии мазкур шаҳодат медиҳад.

**Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур** омӯзиши системавӣ, комплексӣ, муқоисавӣ, сохторӣ, луғавӣ-семантикӣ ва морфологии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ дар муқоиса бо забони чинӣ мебошад. Ҳамзамон, таснифоти истилоҳоти забоншиносӣ дар ду забони гуногунсохтор (забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ) мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Барои ба ҳадаф расонидани ин мақсад муаллиф **вазифаҳои зеринро** дар пеш гузоштааст: таҳлилу таҳқиқ ва муайян намудани вижагиҳои сохториву маънoии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои гуногунсохтор; ошкор намудани истилоҳоти забоншиносӣ ва равишҳои ташаккулёбии истилоҳ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ; муқаррар намудани хусусиятҳои маъноӣ ва мафҳумии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бо мақсади ошкор ва мушаххас намудани ҳаммонандӣ ва фарқияти онҳо аз якдигар; муайян намудани манбаъҳои истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ; таснифоти марҳилаҳои рушди истилоҳоти забоншиносӣ дар

забонҳои муқоисашаванда; таснифоти маъноҳои антонимӣ ва синонимии истилоҳоти забоншиносӣ.

**Навгонии илмии** таҳқиқ дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқоти истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ як қатор шабоҳат ва тафовутҳо бо истифодаи истилоҳоти мазкур дар забонҳои муқоисашаванда муайян гардид.

Инчунин, дар таҳқиқот дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бори аввал мавзуи омӯзиши амиқтари системавии қиёсию типологӣ қарор мегирад, ки дар он хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохториву грамматикии истилоҳоти забоншиносии забонҳои мавриди омӯзиш қароргирифта ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо баррасӣ мешавад; бори аввал хусусиятҳои муқоисавию типологии таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда дар мисоли истилоҳоти забоншиносӣ нишон дода шудаанд.

Диссертатсия таҳти унвони «Таҳлили маъноию сохтории истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии атесттсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷисиктон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва иборат аст.

Дар муқаддима масъалаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ: мубрамият ва муҳимияти мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳо асоснок карда шудаанд, асосҳои назарариявӣ-методологии тадқиқот нишон дода шуда, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада тавзеҳ дода мешаванд. Мавзуъ (предмет) ва объекти кор муайян карда шуда, нукоти барои ҳимоя пешниҳодгашта оварда шудаанд.

Мусаллам аст, ки таҳқиқи муқоисавии умумият ва фарқи ин ду забон арзиши баланди илмӣ дошта, дар натиҷаи муқоиса хусусиятҳои монандӣ ва гуногунии сохторӣ, маъноӣ ва синтаксисии онҳо ошкор мегардад. Аз ин лиҳоз, муаллиф кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои маъноиву сохтории

истилоҳоти забоншиносиро дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ таҳқиқ намуда, умумият ва фарқиятҳоро дар ин ду забони гуногунсохтор муайян созад.

Ҳар як боби рисола пурра ва муфассал таҳлил ва баррасӣ шудааст. Хулосаҳо дар 17 банд ҷамъбаст гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсияи Ҷанг Лей «Таҳлили маъноию сохтории истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:

Номзади илми филология
дотсенти кафедраи "Забонҳо ва фанҳои гуманитарӣ"-и филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ технологии "МИСИС" дар шаҳри Душанбе

**Абдуллоева Заррина Фатуллоевна**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
734042, к. Назаршоев М.- 7
Телефон: 901400040
Email: zarrina.abdulloeva@mail.ru

"Имзои дотсент Абдуллоева З.Ф. –ро тасдиқ менамоям"
Сардори шӯъбаи кадрҳои филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ технологии "МИСиС" дар шаҳри Душанбе

**Зарипова Малика Аҳроровна**

24. 10. 2023